# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Шукурзода Фарҳодҷон Манон дар мавзуи «Асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ

Автореферати диссертатсияи Шукурзода Фарҳодҷон Манон бахшида ба яке аз масъалаҳои муҳим ва ҳанӯз кофӣ таҳқиқнашудаи ҳуқуқи маданӣ - падидаи «судҳои ҳакамӣ» ҳамчун воситаи алтернативии ҳимояи хуқуқҳои субъективии маданӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омода шудааст.

Дар шароити қабули Кодекси мадании нави Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 24 декабри соли 2022) ва идомаи раванди такмили қонунгузории маданӣ, таҳқиқи ҳамаҷонибаи категорияи «воситаҳои маданӣ - ҳуқуқӣ» аҳаммияти хоса пайдо кардааст. Муаллиф бо дурустӣ қайд мекунад, ки ҳуқуқ ба ҳимояи судиро низ санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, аз ҷумла Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (1948), Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (1966), ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро 4 апрели соли 1999 расман эътироф намуд, пешбинӣ карда бошад ҳам, дар илми маданӣ-ҳуқуқӣ таҳқиқи низоми воситаҳои маданӣ-ҳуқуқии таъмини ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ муайян карда нашудааст. Ин вазъият боиси ба миён омадани мушкилоти зиёди ҳуқуқтатбиққкунӣ гардидааст.

Диссертатсия нахустин таҳқиқоти комплексӣ ва монографӣ дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон мебошад, ки ба падидаи «судҳои ҳакамӣ» ҳамчун падидаи мустақили ҳуқуқии маданӣ бахшида шудааст. То ин дам аксари корҳои илмӣ дар Тоҷикистон «низоми воситаҳои маданӣ-ҳуқуқии таъмини ҳимояи ҳакамии хуқуқҳои субъективии маданӣ»-ро дар доираи ҳолатҳои мушаххас баррасӣ мекарданд, аммо табиати умумии воситаҳои ҳуқуқи мадании таъмини ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ ҳамчун намуди воситаҳои ҳуқуқи маданӣ, ки барои ҳалли мунокишаҳои ҳуқуқӣ истифода мегардад, ба таври комплексӣ мавриди омӯзиши амиқ қарор нагирифта буд.

Навгониҳои асосии илмӣ чунинанд:

1. «Воситаи маданӣ-ҳуқуқӣ» ҳамчун олати дар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ таҷассум ёфта ва бо ёрии ташкили маҷмуи амалҳои аҳаммияти ҳуқуқӣ ва воқеӣ дошта ошкору муназзам карда шуданд ва (дар соҳаи қонунгузорӣ ва амалия) роҳҳои ислоҳи онҳо пешниҳод гардиданд.

2. Василаҳои ҳуқуқӣ-маданӣ ба хислатҳои институтсионалии худ ба таснифот фарогир шуда, ба тариқи тарзҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ яъне маданӣ-ҳуқуқӣ ва оммавӣ-ҳуқуқӣ яъне маъмурӣ-ҳуқуқӣ тафовут дошта, дар таҳқиқот нисбати ҳолатҳои зикршуда таҳлилҳои илман асоснок анҷом гирифтааст.

3. Амалияи мавриди корбурд қарор додани василаҳои мурофиавии мадани дар низоми муносибатҳои гуногуни баҳсбарангез байни доираи васеи субъектон ва иштирокчиён новобаста аз вазъи ҳуқуқӣ-маданияшон ба тариқи умқан илмӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

4. Хусусияти алтернативӣ доштани суди ҳакамӣ, ки дар таъсис ва баррасии суди ҳакамии баҳсҳо тибқи тобеияти идоравӣ худ таҷрибаи хусусии татбиқи қонун мушоҳида мешавад, таҳлил ва асоснок карда шудаанд.

5. Тағйироту иловаҳои охирони қонунгузории мадании ҶТ вобаста ба ташкил ва фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар рисолаи илмӣ мавриди таҳлил қарор дода шуда, муаммоҳо, масъалаҳои душвори ҳуқуқӣ, масъалаҳои эҳтимолии татбиқи амалии навгониҳо мушоҳида ва ошкор карда шуданд.

6. Бо мақсади такмили танзими ҳуқуқии истифодаи воситаҳои маданӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқҳои субъективии маданӣ дар ҶТ, оид ба рушди минбаъдаи қонунгузорӣ тавсияҳову пешниҳодҳо ба тасвият расиданд.

Ин навгониҳо ба таври назаррас ба ғанӣ гардондани назарияи ҳуқуқи маданӣ мусоидат менамоянд ва барои такмили қонунгузорӣ заминаи мустаҳкам фароҳам меоранд.

Муаллиф асарҳои олимон – муҳаққиқони ҳуқуқи маданӣ даврони шуровӣ ва муосири Россия (Бондаренко В.Е., Владимирова С.А., Виноградова Е.А., Гимазова Э.Н., Никифиров В.А.) хуб омӯхтааст. Инчунин таҳқиқотҳои байнисоҳавии ҳимояи ҳакамии (ҳам ҳуқуқи маданӣ ва ҳам мурофиавӣ) ҳуқуқҳои субъективии маданиро, аз ҷумла Суханов Е.А., Сквортсов О.Ю.-ро мавриди истифода қарор додааст.

Аз олимони тоҷик корҳои Бобоҷонзода И.Ҳ., Исмоилов Ш.М., Усмонов О.У., Маҳмудзода М.А., Раҳимзода М.З., Тағойназоров Ш.Т., Кодирзода Т.Қ. ва дигарон ба таври васеъ истифода шудаанд.

Манбаъҳои меъёрии ҳуқуқӣ (Конститутсия, КМ ҶТ, КО ҶТ, Қонунҳо дар бораи судҳои ҳакамӣ, Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ ва ғ.) пурра ва дуруст таҳлил шудаанд.

Муаллиф бо такя ба Паёми Президенти ҶТ (2023), Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ (2018-2028) ва Консепсияи рушди қонунгузории маданӣ исбот мекунад, ки мавзуъ ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам амалӣ мубрам аст. Истифодаи усулҳои диалектикӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, тахдили низомӣ, расмӣ-мантиқӣ ва моделсозӣ имкон дод, ки падида аз ҳама ҷониб омӯхта шавад.

Пешниҳодҳои муаллиф метавонанд ҳамчун замина барои тағйироти КМ ҶТ, таҳияи тавзеҳот ва дастурҳои судӣ, омӯзиши донишҷӯён ва аспирантон истифода шаванд.

Муаллиф 13 мақола, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида, дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ бо маъруза баромадҳо кардааст, ки ин ҳама нишонаи сатҳи баланди кор аст.

1. Рисолаи диссертатсионӣ аз баъзе хатоҳои имловӣ ва техникӣ фориғ намебошад, лекин бовуҷуди ин ба мазмун ва арзиши илмии таҳқиқот таъсири ҷиддӣ намерасонанд;

2. Муаллиф зикр намудааст, ки "дар ҷараёни беэътибор ҳисобидани аҳд бо дарназардошти баинобатгирии талаботҳои қонунгузории маданӣ-ҳуқуқӣ оқибатҳои хислати мурофиавии судидошта ба амал омаданашон аз эҳтимол дур нест. Ҳолати мазкурро дар шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ алалхусус шартномаи пешакӣ, созиши хусусияти ҳакамидошта ва монанди инҳо мушоҳида намудан имконпазир мебошад". Ба андешаи мо масъалаи шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ҳамчун созиши хусусияти ҳакамидошта таҳлил талаб буда, хуб мешуд ҳангоми ҳимоя ба ин масъала равшанӣ андохта шавад.

Дар хулоса зикр шудааст, ки «нишонаҳои фарққунандаи ҳуқуқии созишномаи ҳакамӣ ҳамчун шартномаи маданӣ-хуқуқӣ муқаррар карда шуд ва маълум гардид, ки созишномаи ҳакамӣ боз мисли шартномаи ташкилӣ баромад мекунад. Аммо ба андешаи мо ин фикр то охир тақвият дода нашудааст.

Диссертатсияи Шукурзода Фарҳодҷон Манон рисолаи ба анҷомрасида мебошад, ки ба талаботҳои баланди ихтисоси 5.5.3. ҷавобгӯ буда, дорои навгониҳои илмӣ ва амалӣ мебошад, бо усули баланд ва манбаъшиносии мукаммал навишта шудааст, метавонад ба рушди назария ва амалияи ҳуқуқи маданӣ дар Тоҷикистон саҳми назаррас гузорад. Новобаста аз эътирозҳои зикргардида, ки бештар ба такмили минбаъдаи кор рабт доранд, кор сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ мебошад.

н.и.ҳ муаллими калони
кафедраи ҳуқуқушиносии
ДИС ДДТТ Майнусова З.М.

Имзои "Майнусова З.М-ро
Тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДИС ДДТТ Усмонзода Ш.У.

Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд» Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус

Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомонӣ, хонаи 169, Телефон: +992928888499, E-mail: mzarnigor1989@mail.ru

Муҳр, сана

«_03_» __06__ 2026